**Тақриз**

**[Ба коридиссертатсионнии Файзуллоев Меҳроб Кароматуллоевич] дар мавзӯи “Масоили назариявӣва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ”барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10.-Молия, муомилоти пул ва қарз.**

Дар шароити муосири иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосии маблағгузорӣ барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарзи бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Дар муқоиса бо маблағгузорӣ аз ҳисоби бюджети давлатӣ ҳаҷми қарзҳои системаи бонкӣ барои рушди соҳаҳои воқеъӣ ва соҳибкории хурду миёна хеле зиёд мебошад. Низоми бонкии мамлакат дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ хело ташаккул ёфт, давраҳои таъсисёбӣ, рушд ва такмилёбиро гузаронд, ва дар замони имрӯза яке аз сохторҳои муҳими иқтисоди-иҷтимоии ватан ҳисоб мешавад.

Ҳамчун, дар солҳои соҳибистиқлолии иқтисодию сиёсӣ захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ даҳҳо баробар зиёд шуданд ва ба сарчашмаи асосии маблағгузории рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар табдил ёфтанд. Аз ин рӯ таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди низоми бонкӣ ва афзоиши захираҳои қарзии бонкҳои тиҷорати мавзӯи муҳим мебошад.

Кори диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиётҳо аз 198 номгӯй, 12 ҷадвал, 16 диаграмма, 12 расм, 7 замина дар ҳаҷми 183 вараќи чопӣ иборат мебошад.

Дар сарсухан зарурияти таҳқиқоти мавзӯъ, дараҷаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳои кор, объект, предметасосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, аппарати олоти методи, базаи итилоотӣ-эмпирикии таҳқиқот, базаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва фарзияи таҳқиқот, ҷамбаҳои асосии дисертатсия, ки барои ҳимоя пешниҳод шуда, навигариҳои илмиитадқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот асоснок ва пешниҳод шудаанд.

Дар боби якум самтҳои назариявӣ оид ба сарчашмаҳои ташкилнамоии захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, асосҳои методологӣ ва фароҳамойии ташкилнамоии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, таҷрибаи муосири идоранамоӣ ва ташкилнамоии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил ва асоснок шудаанд.

Дар ин боб бартарии амалиётҳои ғайрифаъол нибат ба амалиётҳои фаъол, сарчашмаҳои воситаҳои пулии худӣ ва ҷалбгардида, аҳамияти идоракунии самараноки ӯҳдадориҳо, таҳлил ва таҳқиқи сармачашмаҳои истифодабарии захираҳои қарзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ, фикру андешаҳои олимони ватани ва хориҷи оид ба мавқеъ ва таърифи захираҳои бонкӣ ҷойи махсусро гирифтаанд.

Ҳамчунин муносибатҳои байни бонкҳои тиҷорати бо дигар институтҳои молиявӣ-қарзӣ оид ба ташкили сармоя пулӣ, амалиётҳои қарзию пулии бонкҳо ва муасисаю ташкилотҳо, субъектҳои иқтисодӣ таҳлил шудаанд. Ғайр аз ин аҳамияти бонкҳои тиҷорати ва дигар ташкилотҳои қарзӣ-молиявӣ дар ташкилнамоии захираҳои пулӣ, нигоҳдорӣ, пешниҳод, тақсимнамоӣ, мубодила, идоракуни воситаҳои пулӣ, мубодилаи маблағ ва қоғазҳои қиматнок асоснок шудааст.

Дар диссертатсия низоми бонки Тоҷикистон ва давраҳои ташаккули он нишон дода шудааст.Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1925 таъсис ёфта буд фақат аз як заминаи намояндагии Бонки давлатии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Советӣ Сотсиалистӣдар ш. Тошканд иборат буд. Солҳои оянда низоми бонкӣ ташаккул ёфт ва якчанд давраҳоро паси сар намуд. Ҳоло низоми бонкии Тоҷикистон ду зинагӣ буда дар зинаи аввал  Бонки миллии Тоҷикистон-ҳамчун бонки бонкҳо, муайян намоянда ва тадбиқнамояндаи сиёсати ягонаи пули-қарзии давлат, дар зинаи дуюм бонкщои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои ғайрибонки- молиявӣ мебошад, ки иқтисодиёти Тоҷикистонро бо воситаҳои пулӣ таъмин менамоянд.

Дар диссертатсияҳамчунин мавқеъи Бонки милли Тоҷикистон дар қабул намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқи барои дуруст фаъолият бурдани

институтҳои қарзӣ, идора ва назорат намоии истифодабарии воситаҳои пулӣ ва захираҳои қарзӣ, ташкилнамоии базаи захиравӣ, такмилдиҳии сохтори сарчашмаҳои ҷалби захираҳои қарзӣ ва дигар паҳлуҳои танзими фаъолияти бонкӣ, хуб нишон дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ба асосҳои институтсионалии ташкилнамоии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон, баҳогузории сохтори заҳираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили таъмини бахши воқеии иқтисодиёт бо захираи қарзӣ, бахшида шудааст.

Дар шароити бозорӣ бонкҳои тиҷоратӣ ниҳодҳои муҳими молиявӣ мебошанд, ки воситаҳои пулии муваққатан озод ва пасандозҳои шахсони ҳуқуқи ва воқеъиро ҷамъ (аккумулиятсия) намуда онҳоро барои истифодаи минбаъда барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти соҳибкорон ва дигар субъектҳои иқтисодӣ аз нав тақсим менамоянд. Бонкҳои тиҷоратӣ, муҳити комили молиявӣ-қарзиро таъсис дода ба муносибатгардонии он мусоидат намуда манфиатҳои дохили иқтисодӣ ва молиявии ҷумҳуриро таъмин мекунанд. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомали Раҳмон 22декабри соли 2018 дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд, ки “Фаъоляти муътадили низоми бонкӣ дар шароити имрӯза яке аз омилҳои асосии тараққиёти босуботи иқтисодӣ ба шумор меравад”. Барои фаъолияти муътадили низоми бонкӣ дар ҷумҳури ососҳои ҳуқуқӣ, меъёрӣ фароҳам оварда шудааст.

Фақат он чизе, ки ба фаъолияти самараноки низоми бонкӣ таъсири хубнамерасонад, ин нокофӣ будани захираҳои қарзӣ, дастрас набудани онҳо ба бисёр хоҷагиҳои соҳибкории хурду миёна ва коҳишёбии боварии аҳолӣ ба бонкҳо мебошад. Яке аз масъалаҳои муҳими фаъолияти бонкӣ ва ғун кардани захираҳои қарзӣ ин рақобатпазирӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мебошад. Дар ин раванд фақат БД “Амонатбонк”, ҶСП “Спитамен Бонк” ва ҶСК “Бонки Эсхата” қайд кардан мумкин.

Яке аз омилҳои ҳалкунанда дар ҷалюнамоии захираҳои қарзӣ сиёсати пасандозии бонкҳо мебошад. Аз ин рӯ сиёсати пасандози бонкҳои тиҷоратӣ бояд ба ҷалбнаудани пасандозҳои даррозмуддат мусоидат намояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки бонкҳое, ки ӯҳдадориҳои нисбатан даррозмуддат ва муътадил доранд дар бозори пулию – қарзӣ рақобатпазир ва афсалиятнок мебошанд.

Таҳлили ин масъала дар зербанди 2 боби дуюм ҷойи махсуеро гирифтааст, ки дар он паҳлуҳои сиёсати пасандозӣ, таҳқиқи ҳаматарафаи базаи захиравии бонкҳо аз ҳисоби воситаҳои ҷалбгардида, таркиб ва нишондиҳандаҳои захираҳои ҷалбшуда, ки ба ташкилшавии сабати пасандозҳои бонкҳои тиҷоратӣ таъсири назарае мерасонад, ҳаматарафа асоснок шудааст. Ҳамчунин, дар саҳфаҳои 98 – 106 таъмини бахши воқеии иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ ва нишондиҳандаҳои рушди иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои истеҳсолии он ҳамаҷониба таҳлил шудааст. Мувофиқи рақамҳои оварда шуда ҳаҷми қарзҳои бонкӣ нисбатан зиёдтар афзоиш ёфтаст, ки омили зиёдшавии истеҳсоли маҷмун маҳсулоти дохилӣ, аз ҷумла маҳсулоти саноатӣ дар солҳои охир мебошад.

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои ташкилнамоии сохтори муносиби захираҳои қарзии бонки тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Точикистон, модели самаранок истифодабарии захираҳои қарзӣ то соли 2025 ва самтҳои баландбардории захираҳои қарзии бонкҳо таҳқиқ шудаанд.

Масъалаҳои номбаршуда ва ҳалли онҳо омили асосии ҷавобгӯй будани муассисаҳои қарзӣ ба талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёти миллӣ, такмилдиҳии базаи захираҳои қарзӣ дар асоси ҷалби воситаҳои пуллии озод ва депозитҳои корхонаю ташкилотҳо ва сармояи хориҷӣ мебошад. Ҳангоми ташкилнамоии базаи захиравӣ бонкҳои тиҷоратӣ бояд мақсадҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро муайян намуда роҳҳои ба онҳо ноилгардиро муайян шаванд.

Бонкҳои тиҷоратӣ дар вақти ташкилсозии захираҳои қарзӣ, базаи миҷозон ва гурӯҳҳои онҳо, стратегияҳои фаъолиятро дар бозор муайян намуда, бартарин яке аз онҳоро интихоб намояд гуфта мешавад дар кори

диссертатсионӣ. Стратегияҳои фаъолияти бонк, ташкили базаи миҷозон ва гурӯҳҳои онҳо дар саҳифаҳои
110-112 оварда шудаанд.

Дар саҳифаҳои 121-127 вобастагии маҷмӯи маҳсулоти дохили бо захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, муодилаи регресияи логарифмӣ ва коэфициенти детерминатсия, муодилаи регресияи дараҷагӣ ва зарбии детерминатсия, вобастагии ҳаҷми маблағгузориҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ аз омилҳои воқеъӣ, натиҷаҳои пешгӯйшудани ҳамаи маблағгузории қарзӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то соли 2025 оварда шудаанд.

Якчанд сухан оид ба натиҷаҳо ва дастовbooҳои назариявӣ ва амалӣ, ки ба онҳо унвонҷӯй комёб шудааст ва элементҳои навовариҳои илмӣ шуда метавонанд.

1. Вазъи иқтисодии мамлакат, ташкилёби ва рушди низоми бонкии Ҷумҳурӣ, заминаҳои рушди амалиётҳои бонки, вобастагии дутарафаи амалиётҳои фаъол ва ғайрифаъолӣ бонкҳо, мақсадҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ҳангоми ташкилнамоии базаи захиравӣ ва ҷалби миҷозон, роҳҳо ва омилҳои дарёфт шудани онҳо, ҳамаҷониба таҳлил шудааст.
2. Хусусиятҳои ташкилнамоии захираҳои қарзии бонкҳо ва муаян намудани заминаҳои бунёд ва рушди иқтидори қарзӣ, ва нақшаи институтҳои қарзӣ ва молиявӣ дар ҳалли масъалаҳои муҳими фаъолияти бонки ва захираҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснок шудааст.
3. Таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба моҳияти захираҳои қарзӣ ва фаъолияти бонкӣ ва истифодабарии онҳо бо мақсади рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, баланд бардоштани дараҷаи бо пул таъмин намудани иқтисодиёт омӯхта шуда ва дар ин асос пешниҳодҳо барои истифодабарии онҳо тавсия шудааст.
4. Дар кори диссертатсионӣ омилҳое, ки ба ташкилнамоии базаи захиравии бонкҳои тиҷоратии мамлакат таъсир мерасонанд, аз

ҷиҳати илмӣ мақсадҳои стратегии бонк, асоснок ва муаян шудаанд. Ҳамчунин таҳлили амиқи бозори қарзӣ, сатҳи рушти захираи бонкӣ, баҳодиҳии сифати портфели қарзии худӣ, баҳододани сатҳи такмили ихтисоси кормандон, гузаронида шудааст.

5. Дар асоси таҳлили вазъи имрӯзаи низоми бонкӣ, фаъолияти бонкҳои ватанӣ оид ба ҷалби миҷозон ва дар ин асос муаяннамоии роҳҳои афзоишдиҳии захираҳои қарзӣ ва самаранок ҷойгиргардонии воситаҳои пулӣ, тавсияҳо пешниҳод шудаанд. Ғайр аз ин тавсияҳо барои омода кардани сиёсати пасандози (депозитҳо), сиёсати фоизӣ, муаяннамудани амалиётҳои афзалиятнок, ки ҳам ба муассисаи қарзӣ, ва ҳам ба миҷозон бештар фоида меоранд пешкаш шудааст.
6. Модели самаранок истифодабарии захираҳои қарзӣ то соли 2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуда, пешниҳодҳо барои устувор гардонии рушди бозори бонкӣ, таъминсозии захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ, дастгирии сохибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ ва ғайра тавсия шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ якчанд нуқсону камбудиҳо ҳам ҷой доранд.

1. Дар боби якум хусусиятҳои захираҳои қарзии бонкҳо таҳлил шудаанд. Қайд карда мешавад, ки захираҳои пулии муасиссаҳои қарзи асосан кӯтоҳмуддат мебошанд ва дар чунин ҳолат сармоягузории рушди соҳаҳои воқеъи, сохтмони корхонаҳои истеҳсоли ғайри имкон мебошад. Ин андешаи дуруст аст. Аммо муалиф  аз ҷиҳати назариявӣ барои зиёд кардани захираҳои қарзии дарозмуддат, ягон пешниҳод накардааст.
2. Зербанди 2 боби 1, ки “Асосҳои методологӣ ва фароҳамнамоии ташкилнамоии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ” ном дорад дар он бештар сухан дар бораи ташкилнамои меравад. Дар диссертатсия ба асосҳои методологӣ масъалаи гузошташуда, кам аҳамият додашудааст.

3. Дар диссертатсия ислоҳотҳои пулӣ, ки дар солҳои 90-уми асри гузашта дар Ҷумҳурӣ гузаронида шудабуданд сухан меравад. Хуб мешуд, ки муаллиф ғайр аз тарафҳои мусбӣ паҳлӯҳои манфии ислоҳотро таҳлил мекард.
4. Дар саҳ. 79 сабаби кам будани ҳаҷми қарзҳои дарозмуддатро дар бонкҳои тиҷорат дар самаранокии (фойдаоварии) пасти онҳо арзёбӣ шудааст. Ин ақида нодуруст мебошад, чунки сабаби асосии чунин ҳолат кам будани захираҳои дарозмуддат дар бонкҳо мебошад.
5. Дар саҳ. 46 гуфта мешавад, ки имрӯз қарзидиҳанда бештар қарзгирро меҷӯяд, ҳол он ки се сол пеш вазъият баръакс буд. Чунин вазъият таҳлили ҷиддиро талаб мебошад, аммо муаллиф ба ин масъала аҳамият надодааст.
6. Дар саҳ. 126 дар ҷадвали 3.2.3 пешгӯйии ҳама маблағгузориҳои қарзӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохили то соли 2025 оварда шудааст. Мехостем донем, ки дар сохтани пешгӯйи кадом метод истифода шудааст.

Камбудиҳои номбурда ба мазмуни баланди назариявӣ ва амалии корӣ диссертатсионӣ ягон таъсир намерасонанд, чунки онҳо фақат аз назари муқариз, баъзе баҳсталаб, баъзе осон ислоҳшаванда мебошанд.

## Хулоса:

1. Кори диссертатсионии Файзуллоев Меҳроб Кароматуллоевич дар мавзӯи "Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ" пурра анҷом ёфта дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, ташаккули низоми пулию қарзии мамлакат иҷро шудааст.
2. Дар диссертатсия ҳадаф ва вазифаи пешниҳодшуда пурра ҳаллу фасл шудаанд, пешниҳоду хулосаҳо дар асоси таҳлили фикру андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ,ҳолати имрӯзаи низоми бонкӣ, таҳлили маводҳои омории аз тарафи муаллиф ҷамъоварда шуда асоснок шудаанд.

3. Мазмуни мухтасари корӣ диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои нашрияҳои илмии тақризшаванда аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва автореферат чоп шудааст.
4. Кори диссертатсионӣ дар мавзӯи “Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ” ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонҷавобгӯй буда муаллифи он Файзуллоев М.К. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар ихтисоси 08.00.10- Молия, муомилоти пул ва қарз, сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ.**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи молия ва қарзи**
**Муассисаи байнидавлатии маълумоти олӣ**
**Донишгоҳи (славянии)Россия-Тоҷикистон** **Султонов З.С**

Подпись Султонова З.С заверяю
Начальник ОК РТСУ
Алиев А.Д.